Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (суроға: ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, E-mail: www.iutet.tj , info@iutet.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи: «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 - Маркетинг)

Ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати такмили низоми идоракунии соҳаи кишоварзиро ба миён овардааст. Дар чунин шароит истифодаи маркетинг ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии субъектҳои аграрӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда ба масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шуда, муаллиф кӯшиш намудааст асосҳои илмии истифодаи механизмҳои маркетингиро дар шароити муносибати нави иқтисодӣ асоснок намояд.

Муаллиф масъалаҳои назариявии маркетингро дар асоси осори олимони маъруфи ҷаҳон таҳлил намуда, мафҳум ва вазифаҳои агромаркетингро бо назардошти хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ мушаххас кардааст. Дар баробари ин, вазъи воқеии рушди бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, мушкилоти асосии фаъолияти маркетингии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ муайян шудаанд.

Ҷиҳати муҳими таҳқиқот дар он аст, ки байни нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва истифодаи усулҳои маркетингӣ вобастагии мустақим нишон дода шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди бозори аграрӣ ва тақвияти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат намоянд.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки муаллиф бо сарчашмаҳои илмӣ хуб кор карда, маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои иқтисодиро бо усулҳои илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Ҳамзамон, хубтару беҳтар мебуд, агар муаллиф ба масъалаҳои зерин низ диққати ҷиддӣ медод, ки метавонист боз ҳам сатҳу сифати кори илмиро баланд бардорад:

А) Аввалан ин, ки барои як қисми тавсияҳои пешниҳодшуда мувофиқи мақсад мебуд, агар тартиби татбиқи онҳо дар фаъолияти амалии субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ муфассалтар шарҳ дода мешуданд.

Б) Дар автореферат масъалаи идоракунии хавфҳои маркетингӣ дар фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, навгонии таҳқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳои он таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти сатҳи илмии таҳқиқот, асоснокии хулосаҳо ва аҳамияти амалии пешниҳодҳо метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсионии Азиззода Маҳваш Абдулҳаким ба талаботи муқаррargardида ҷавобгӯ буда, муаллиф барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) арзанда мебошад.

Тақризнавис,
мудири кафедраи иқтисоди миллӣ
ва бехатарии иқтисодии ДМТ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимзода Ҳ.Р.

Имзои Ҳ.Р. Раҳимзодаро тасдиқ менамоям,
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: хиёбони Р□дак□ 17,
Душанбе 734025 Тел.: 372217711